**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 38/2с
аз «21» 04 соли 2020

Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавии лоиҳаи «Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳиномаи машварати оммавӣ оид ба лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 марти соли 2020 аз ҷониби Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи мазкур бори аввал аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад.

Машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 6 март то 5 апрели соли 2020 гузаронида шуда, аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.

Омӯзиши ҳуқуқии маводи пешниҳодгардида собит сохт, ки ҳангоми таҳияи таҳлили таъсири танзимкунӣ на ҳамаи талаботи сархатҳои қисми 1 моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” риоя гардида, дуруст пур карда шудаанд.

Бо мақсади мутобиқ ба талаботи Қонун таҳия гардидани таҳлили таъсири танзимкунӣ ва ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ намудани лоиҳа пешниҳод менамоем:

- сархати якум - "намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ" дар таҳлил ва лоиҳа чунин баён карда шавад: "ҚОИДАҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР АЗ ҶОНИБИ ХАДАМОТИ АЛОҚАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН";

- дар сархати шашум, инъикос шудааст, ки таклифҳо аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ҷонибдори гардидааст. Аммо дар маводи пешниҳодгардида, хулосаи таҳиякунанда оид ба масъалаи мазкур мавҷуд нест. Мувофиқи мақсад аст, ки воқъияти ҳолат яъне, ворид нагардидани таклифу пешниҳод зикр гардад;

- талаботи сархати ҳафтум, тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки ягон амал андешида нашавад, нодуруст пур ва шарҳ дода шудааст. Аз таҳлили ҳуқуқии маводи пешниҳодгардида бармеояд, ки мушкилот дар мутобиқ набудани "Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқа ва иттилоотонӣ", ки бо фармоиши Вазири нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 октябри соли 2007, №30 тасдиқ шудааст ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017 №265 «Дар бораи Қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» мебошад. Дар сурате, ки агар ягон амал андешида нашавад, нисбати мақоми ваколатдор оқибатҳои ҳуқуқӣ ба миён меояд. Зеро, тибқи қарори болозикр мақомоти санҷишӣ вазифадор гардидаанд, ки ҳангоми гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор Қоидаҳои мазкурро ҷиддан дастури амал қарор диҳанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло иешниҳод менамоем, ки ҳолатҳои мазкур дар нишондоди таҳлил инъикос карда шаванд;

- талаботи сархати ҳаштум, ифодаи мақсадҳои дахолати давлат нодуруст ифода гардидааст. Мақсади дахолати давлат ин ҷорӣ намудани қоидаҳои ягонаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамин мақсад дар таҳлил зикр карда шавад;

- талаботи сархати даҳум, ки роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишавандаро бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд, чунин баён карда шавад: «Роҳҳои ҳалли мушкилот бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ баррасӣ гардид. Бо дарназардошти он, ки қарори болозикр қоидаҳои ягонаи санҷиширо талаб менамояд, бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳалли мушкилоти мазкур ғайриимкон аст».

Ҳамзамон, экспертизаи ҳуқуқии лоиҳаи мазкур нишон дод, ки лоиҳа бе назардошти “Қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, №265 тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст.

Инчунин, банди 2 лоиҳа бе риояи услуби расмии забони адабӣ, сода ва равону фаҳмо баён карда шудааст. Бинобар ин, дар чунин шакл баён намудани он мувофиқи мақсад мебошад:

«2. Санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», Қодаҳои мазкур дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ гузаронида мешавад.».

Бо ҳамин тартиб лоиҳа пурра бори дигар бо дарназардошти қарори зикргардида ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҷдиди назар карда шавад.

Тибқи талаботи Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон агар дар хулоса аз ҷониби

таҳиякунанда риоя нашудани тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дарҷ шуда бошад, таҳиякунанда таҳлили таъсири танзимкунӣ ва лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро такмил дода, онро такроран ба мақоми ваколатдор ҷиҳати пешниҳод намудани хулоса ирсол менамояд.

Директор Саидзода И.Ҳ.